*УДК 340*
**DOI** *10.24412/2411-1945-2022-1-107-114*

# НАЗАРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК БА ҒОЯИ ВОЛОИЯТИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА АҲАМИЯТИ МУОСИРИ ОН (АСРҲОИ XI-XV)

***Кенҷаев Шӯҳратҷон Юсуфович***,
*дотсенти кафедари назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ТАДЖИКСКИЕ МЫСЛИТЕЛИ XI-XV ВВ. ОБ ИДЕЕ О ПРЕРОГАТИВЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПРАВА И ЕЁ СОВРЕМЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ

***Кенджаев Шухратджон Юсуфович,***
*доцент кафедры теории и истории государства и права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# TAJIK THINKERS OF THE XI-th – THE XV-th CENTURIES ON THE IDEA OF HUMAN RIGHTS SUPREMACY AND ITS IMPORTANCE FOR TODAY

***Kendjaev Shuhratjohn Yusufovich***,
*Associate Professor of the department of theory and history of state and law under TSU LB;, Tajikistan, Khujand*
***E-MAI:****shukhrat-75 @ mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, мутафаккирони тоҷик, давлат ва ҳуқуқ, арзиши волои инсон ва ҳуқуқ, қонун, адолат, идоракунии давлат*

*Афкори сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони форсу тоҷик роҷеъ ба масоили арзиши олии инсон-ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, адолат, хислату фазилатҳои неки шахсони мансабдор мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таълимоти сиёсию ҳуқуқии мутафаккирони асрҳои XI-XV-и халқи тоҷик, ба мисли Абуалӣ ибни Сино, Кайковус, Низомулмулк, Ҷомӣ мавриди таҳлил қарор дода, аҳамияти онҳо дар ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар замони муосир мавриди баррасӣ гардидааст. Таъкид мегардад, ки мутафаккирони асрҳои XI – XV тоҷик як қатор ғоя ва мафҳумҳои муҳимро пешниҳод намудаанд, ки қисмате аз он то дараҷаи коркардҳои консептуалӣ расидаанд ва имрӯз низ мубрамияташонро нигоҳ доштаанд.*

***Ключевые слова:*** *политико - правовое учение, таджикские мыслители, государство и право, высшая ценность, права человека, закон, справедливость, государственное правление*

*Освещено политико-правовое учение таджикских мыслителей о высших ценностях - правах и свободах человека, справедливости и необходимых качествах должностных лиц. Политико-правовое учение таджикских мыслителей XI-XV вв. проанализировано на примере произведений Абуали ибн Сина, Кайковуса, Низамальмулька, Абдурахмана Джами и освещена их роль в развитии прав и свобод человека в современном мире. Подчёркивается, что таджикские мыслители XI – XV веков представили ряд важнейших идей и тезисов, часть из которых доведена до уровня концептуальных разработок и до сегодняшнего дня не потеряла актуальности.*

***Keywords****: political tenet in regard to law, Tajik thinkers, state and law, supreme value, human rights, law, justice, statal governance*

*In his article the author clucidates the political tenet in regard to law belonging to Tajik thinkers who*

*stood for the highest values–those of human rights and freedoms, justice and necessary qualities representatives of authorities ought to possess. The tenet in question pursued by the Tajik thinkers of the XI-th –the XV-th centuries is analysed being proceeded from the examples based on the works of such classics as Abuali ibn Sino, Kaikovus, Nizamalmulk, Abdurakhman Djami; their role in the development of human rights and freedoms in today's world being highlighted.It is emphasized that the Tajik thinkers of the XI-th–the XV-th centuries presented a number of mostly important ideas and theses a part of which amounts to the level of conceptual elaborations having not lost their actualness up to nowadays.*

Дар замони муосир афкори сиёсӣ- ҳуқуқии халқи тоҷик дар ҷодаи ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати фарҳангпарваронаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, аз ҷумла дар тарғиби арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ нақши муҳим касб менамояд. Таърихи афкори сиёсӣ - ҳуқуқӣ дар шароити кунунӣ аҳамияти бештар дошта, омӯзиши он шаҳрвандонро бо раванди пешина ва муосири ташаккул ва инкишофи таълимот роҷеъ ба давлат, сохт, шаклҳои давлатдорӣ, сиёсат, қонун, қонунгузорӣ, қонуният, озодӣ, адолат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд шинос мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 иброз дошта буданд, ки «Асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тавассути тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳангиву адабии миллати куҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихорӣ миллӣ, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти Ватанамон мебошад» [3, 2].

Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик дар қарнҳои **XI-XV** таърихи бой дошта, аз ҷониби мутафаккирони мухталифи форсу тоҷик баён шудаанд ва имрӯз ҳам мубрамии худро гум накарданд. Дарвоқеъ, афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик дар қарнҳои **XI-XV** таърихи донишҳои назариявии мутафаккирон буда, аз ин рӯ, омӯзиши он барои шиносоӣ бо таърихи фарҳанги маънавии башар аҳамияти муҳим дорад. Ба ақидаи Шарофзода Р., Бӯризода И. ва дигар олимони ватанӣ, таърихи афкори сиёсӣ - ҳуқуқии асрҳои **XI-XV** ин давраи воқеан таърихии мукаммал гаштани донишҳои сиёсиву ҳуқуқии башар, гузаштан аз тасаввуроти одӣ ба донишҳои боэътимоди илмӣ ва аз андешаҳои пароканда ба назарияи томи илмии мукамалгардида ба ҳисоб меравад [13, 76: 9, 154]. Бояд қайд кард, ки барои аниқ намудани самтҳои минбаъдаи инкишофи ҷомеа ва давлат, аз он ҷумла амалӣ намудани андешаву назарияҳои муосир донистани таърихи онҳо зарур мебошад ва маҳз дар заминаи дарки таърихии андешаву назарияҳои гузашта пешбинии дурнамои ҳаёти сиёсиву ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Бесабаб нест, ки мутафаккирони форсу тоҷик дар қарнҳои **XI-XV**, аз он ҷумла Абуали ибни Сино, Насриддини Тусӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Низомулмулк, Унсурулмаолии Кайковус, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон назарияҳои хешро пешбарӣ намудаанд [11, 24].

Дар шароити тақвият ва густариши соҳибистиқлолии давлати Тоҷикистон омӯзиши таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии гузашта, аз ҷумла рӯшан намудани шароитҳои таърихии ташаккулу инкишофи андешаҳо ва назарияҳои давлати ҳуқуқбунёд, давлати миллӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра аҳамияти муҳими илмӣ ва фарҳангӣ дорад.

Масъалаи мазкур дар Паёми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон соли 2010 ба Маҷлиси Олӣ чунин тавсиф гардидааст: «Дар ин давраи тақдирсоз рӯ овардан ба осори гузаштагони маъруфи халқи тоҷик ва тамаддуни оламшумули он дар тақвияти ташаккули андеша ва худшиносии миллӣ, таҳкими асосҳои ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва заминаи маънавии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон воситаи созандае мебошад» [4].

Бояд зикр намуд, ки назарияи сиёсиву ҳуқуқии мутафаккирони асрҳои **XI-XV** ба таври боёду шояд тоҷик таҳлил нашудааст. Дар ин мақола андешаву назарияи сиёсии баъзе мутафаккирони тоҷикро бо назардошти аҳамиятнокии онҳо дар замони муосир мавриди омӯзиш қарор додаем. Маҳз Пешвои миллат дар вохӯрӣ бо аҳли зиёи кишвар соли 2014 қайд намуданд, ки шоиру нависандагони маъруф ва алоқамандони шеъру шоирӣ аз саросари Мовароуннаҳру Туркистон, Ироқу Озарбойҷон ва Эрону Туркия таълифоташонро ба мутафаккирони барҷаста барои таҳлил мефиристоданд ва аз санҷиши онҳо мегузарониданд, ба сӯҳбаташ мешитофтанд ва аз онҳо сабақ мегирифтанд. Завқи бадеӣ, донишу таҷриба ва ҳунару маҳорати онҳо дар арзёбии осори адабӣ ва масъалаҳои илму ирфони гузаштаву муосир маҳаки боэътимоду раднопазир ба шумор мерафт. Аз ин ҷост, ки мутафаккирони форсу тоҷикро беҳтарин ҳаками замонашон медонистанд [2, 3].

Дар иртибот ба пешниҳоди афкори ҳуқуқӣ дар қатори файласуфон мутафаккирони бузурги Шарқ, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абуалӣ ибн Сино, Саъдии Шерозӣ ва дигарон қарор доранд. Афкор ва хулосаҳои мутафаккирон ба хазинаи арзишҳои нодири умумиинсонӣ ворид гардида, заминаҳои ғоявии таҳаввулоти минбаъдаи афкори сиёсиву ҳуқуқии форсу тоҷикро гузошта, баробари ин аҳамият ва муҳиммияти хешро бо гузашти садсолаҳо гум накардаанд.

Яке аз мутафаккирони бузурги тоҷику форс Абуалӣ ибни Сино мебошад, ки тибқи гуфтаи Саид Нафисӣ 479 асар эҷод карда будааст. Дар асараш «Донишнома» Сино илми ҳикматро ба ду намуд - амалӣ ва назариявӣ ҷудо кардааст. Дар навбати худ, Сино илмҳои амалиро ба се намуд ҷудо мекунад: 1) илме, ки тадбири оми мардум, то андозае, ки эшонро бад-ӯ ниёз аст, бар низом бувад, 2) илми тадбири хона, ки дар он танзими муносибатҳоро байни волидайну фарзандон мавриди таҳлил қарор додааст, 3) илми худ, ки дар он танзими нафси хеш тафсир ёфтааст [7, 53]. Масъалаи илмии тадбири хона, ки Сино иброз намудааст, дар танзими муносибатҳо байни волидайну фарзандон дар замони муосир низ мубрам ба ҳисоб рафта, маҳз бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда, он ба таълиму тарбияи ҷиддии насли наврас равона гардидаст [ 15].

Абуалӣ ибни Сино мақоми баланди инсонро дар олами ҳастӣ эътироф намуда, дар асараш «Тадбири манзил» чунин менависад: «мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре махлуқоташ бартару болотар намудааст» [7, 89].

Ҳангоми баёни ин ақида Сино таъкид менамояд, ки инсон, пеш аз ҳама, зеботарин, комилтарин ва муътадилтарин хислатҳоро доро мебошад. Дар ин хусус Сино чунин иброз медорад: «Дар асари ин имтиёзу бартарӣ вуҷуди башар зеботарин махлуқ шуда ва табиаташ комилтарин табоъ гашта ва таркибаш муътадилтарин таркиб гаштааст». Вобаста ба ин Сино дар асарҳояш сифатҳои волои инсон, ба мисли ақл, одоби ҳасана, ахлоқи карима, малакоти фозиларо пешбарӣ менамояд, ки ин сифатҳои зотии инсонӣ асоси зиндагии одамиятро ташкил медиҳанд ва аз ин рӯ, яъне, бинобар доштани чунин хислатҳо, инсон зиндагии арзанда ва беҳтаринро доро мебошад. Дар ин ҷода Сино чунин изҳор менамояд: «Зиндагии одамӣ ба сабаби ин <u>мазоё</u> беҳтарин ва пурнеъматтарин зиндагонӣ шуда ва кӯшишу саъяш дар саҳнаи зиндагӣ бар тибқи ақлу басират, ки мояи нерумандӣ ва тавоноӣ аст, сурат гирифта ва бо одоби ҳасана, ахлоқи карима, малакоти фозила, ки мӯҷиби ҷамолу зебоӣ ва асбоби зебу зиннати одамӣ аст, мувофиқ гардидааст» [7, с 67].

Чӣ хеле ки аз афкори Абуалӣ ибни Сино маълум мегардад, ӯ мақоми баланди

инсониро байни дигар мавҷудоти олам қайд намуда, инсонро зеботарин ва комилтарин офаридаи табиат арзёбӣ менамояд. Бартарии инсон аз мавҷудоти дигар бинобар сифатҳои ақливу ахлоқии ӯ муайян мешавад. Тафовути инсон аз дигар мавҷудоти олам дар он зоҳир мешавад, ки инсон дорои ақл, одоб ва ахлоқ буда, зимни ин сифатҳояш зебоӣ, тавоноӣ касб карда, зиндагонии пурнеъматтарин ба сар мебарад [7, 78].

Масъалаи мавриди таҳлил қароргирифта шаҳодати он аст, ки мутафаккирони тоҷик якчанд қарн пеш аз мутафаккирони Аврупо оид ба арзиш, мақоми баланди инсон ҳарф зада будаанд ва танҳо пас аз гузаштани чанд қарн дар давраи инқилоби буржуазии Аврупо (асрҳои **XVII-XVIII**) андешаи ҳуқуқи фитрии инсон дар робита ба мақоми баландандешааш дар ҳуҷҷатҳои аврупоӣ-Эъломияи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандии Фаронса, Конститутсияи Фаронса аз соли 1791 эътироф мешавад. Оид ба масъалаи арзиши олӣ ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 чунин иброз намудаанд: Қабули саривақтии Конститутсияи кишвар ва мутобиқ сохтани он ба талаботи замон ин кафили риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Мутобиқи он Инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, халқ чун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардид [1,с 4].

Ақидаҳои волои Абӯалӣ ибни Сино дар шароити имрӯзаи эътирофи арзиши олии инсон дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои демократӣ мавриди истифода гардидаанд. Ба ақидаи С.М. Бухориева, эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини баробарҳуқуқӣ аз меъёрҳои байналмилалӣ сарчашма гирифта, дар санадҳои миллӣ инъикос мегарданд [8, 86 ]. А.М.Диноршоев низ дуруст қайд менамояд, ки дар Конститутсияи соли 1994-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон диққати махсус дода шудааст [10, 139]. Д.С.Раҳмон ҳаётро яке аз арзишҳои асосии ҳаёти инсонӣ донистааст [12, 44]. Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев, дар ҳама гуна ҳолат шахс барандаи ҳуқуқ ва озодиҳост [13, 195].

Байни мутафаккирони тоҷик ҳамроҳ бо Ибни Сино мавқеи муҳимро Унсурулмаолии Кайковус доро аст. Афкори сиёсӣ - ҳуқуқии Унсурулмаолии Кайковус дар пандномаи машҳураш "Қобуснома" ифода гардидааст. Андешаҳои сиёсиву ҳуқуқии Кайковус оид ба он ки афкори неки одамон бе давлат ва тартибот вуҷуд дошта наметавонанд, қабилия таваҷҷуҳ буда, дар ин замина равобити байни давлат ва инсон ҷиҳати тартиботи устувор дар ҷомеа равона мешавад. Дар афкори худ мутафаккир табақаҳои ҷавонмардон, айёрон, аскарон, фақеҳон, сӯфиён, деҳқонон, тоҷиронро ҷудо менамояд. Дар ин ҷода ӯ тарафдори андешаи баробарии одамон мебошад, зеро ки дар замони зиндагии ӯ дар ҷомеа нобаробарии тоифаҳои ҷамъият ба назар мерасид. Кайковус дар таълимоташ роҷеъ ба хислатҳои шахсони мансабдори давлатӣ ҳарф зада, таъкид менамояд, ки ҳангоми адои вазифаи надим шахс бояд намуди хуби зоҳирӣ дошта, донишҳои мукаммалро дар низоми илмҳои замонааш дошта бошад. Ё шахсе, ки дабир таъин мешавад, бояд нутқи хуб, хати зебо, санъати баланди китобат дошта бошад ва ҷумлаҳоро содаю фаҳмо нависад. Дар "Қобуснома" Кайковус як бахши алоҳидаро оид ба масъалаи мансаби вазирӣ ҷой додааст. Дар ин бахш оид ба шахсияти вазир чунин омадааст, ки хуб ба роҳ мондани ҳамаи корҳои хидматӣ, ҳақгӯй будан, нигоҳ доштани номи неки роҳбар, адолатпешагӣ, воқиф будан аз ҳоли мардум, тақсими одилонаи мансабҳо, донистани забонҳо ва ғайра андешаҳои ҷолиби диққат баён ёфтаанд [14, 134]. Дар Паёми Пешвои миллат ба парлумони кишвар аз санаи 21.12.2021 оид ба масъалаи омода намудани мутахассисони донандаи забонҳо ва баландихтисос чунин таъкид карда шуд: "Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки

сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад. Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русиву англисӣ, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад" [1, 5].

Яке аз масъалаҳое, ки дар "Қобуснома" амиқ баррасӣ гардидааст, ба ҳалли баҳсҳои ҳуқуқ дахл дорад. Муаллиф дар робита бо ҳуқуқи инсон тартиби ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти қозӣ, гузаронидани мурофиа ва қабули ҳукм, татбиқи ҷазо, бастани аҳдномаҳоро бо асосҳои илмӣ шарҳ медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки қозӣ бояд дониши баланд дошта, аз илмҳои замонавӣ бахубӣ бохабар бошад [14, 153]. Масъалаи мазкурро Пешвои миллат дар Паёми соли 2021 мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид намуданд, ки мақомоти судӣ бояд вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланди касбӣ иҷро карда, баррасии саривақтӣ, ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои судиро ба роҳ монда, қарорҳои қонуниву асоснок қабул намоянд ва ба ин васила, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро таъмин созанд [1, 10].

Дар қатори мутафаккирони форсу тоҷик дар рушди ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсон мавқеи Абдурраҳмони Ҷомӣ бузург аст. Абдурраҳмони Ҷомӣ-шоир ва донишвари бузург як қатор андеша ва ғояҳои муътабареро дар бораи консепсияи ҳуқуқҳои инсон пешниҳод намудааст, ки қобили мулоҳиза ва дорои аҳамияти бузург мебошанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар иртибот ба пешниҳоди афкори ҳуқуқӣ дар радифи файласуфон ва мутафаккирони бузурги Шарқ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абунасри Форобӣ, Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ ва дигарон қарор дорад. Афкор ва пешниҳодҳои ӯ ба хазинаи арзишҳои нодири умумиинсонӣ ворид гардида, заминаҳои ғоявии таҳаввулоти минбаъдаи афкори сиёсиву ҳуқуқии асримиёнагии форсу тоҷикро гузошта, баробари ин, аҳамият ва муҳиммияти хешро бо гузашти садсолаҳо мисли замони худи адиб гум накардаанд. Манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Абдурраҳмони Ҷомӣ на танҳо дар байни аҳли илму адаб ва шогирдону ихлосмандони осораш, балки дар назди ҳокимону волиён ва давлатдорони давру замонаш низ шӯҳрат ва эътибору обрӯи зиёд дошт [11, 4].

Абдурраҳмони Ҷомӣ, чун дигар гузаштагони хеш, бо идомаи суннатҳои хоси баёни афкори ҳуқуқӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба масъалаҳои муҳимми аҳди худ, аз қабили ташкили оқилонаи ҳокимияти давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини волоияти ҳуқуқ дар низоми давлатдорӣ, қонуният, тартибот ва интизом, беҳбудии ҷомеа, шукуфоии минбаъдаи он бетаваҷҷуҳ набудааст. Ақидаҳои сиёсиву ҳуқуқии барои таърих суннатии марбут ба ҳуқуқ ва қонун, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, бавуҷудоӣ, мафҳум, шакл ва таъиноти иҷтимоии давлат, ҳокимият ва давлат, идоракунии давлатӣ ва амсоли ин дар меҳвари таваҷҷуҳи Абдураҳмони Ҷомӣ қарор доштанд.

Дар раванди тадқиқоти масоили мазкур Ҷомӣ як қатор ғоя ва афкори муҳимро пешниҳод намудааст, ки қисмате аз онон то ба дараҷаи коркардҳои консептуалӣ расидаанд. Вай аз он ҷумла, имконпазир будани шакли дунявии идоракуниро дар шароити давлатдории асримиёнагии мусалмонӣ эътироф намудааст. Вобаста ба ин консепсияи шоҳи одил ва мутеи қонун, ҳақшиносро кор карда баромадааст. Ақл ва донишро то ба дараҷаи аркони муҳими давлатдорӣ боло бардошааст, ки дар асоси он ғоя ва назарияи шоҳи оқил ба миён меояд. Ҳифзи мардум, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии як қатор аз аъзои ҷомеаро Ҷомӣ ҳамчун вазифаи

аввалиндарачаи шоҳ эълон намудааст. Моҳияти иҷтимоии давлат ва мақоми бузурги роҳбари давлатро ин мутафаккири барҷаста ба манфиати ҷомеа, давлат ва ҳамаи инсоният мешуморад.

Ҳаллу фасли чунин масоил ва, дар маҷмӯъ, фаъолияти давлатро Ҷомӣ бидуни ҳуқуқ ва қонунҳои одилона имконнопазир мешуморад. Вай ғояи волоияти ҳуқуқро пеш ронда, талаботи риояи бетанаффуси қонунҳоро ба унвони асоси фаъолияти давлатмандон ва табақаҳои мухталифи аҳолӣ коркард ва баррасӣ кардааст. Мутаффакири барҷастаи тоҷик аз қонуният дар низоми давлатдорӣ ва тартиботи пурра дар ҷомеа ҳимоят мекунад, ки ба онҳо адл ва адолати судӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ пайванд мегиранд. Аз ҷониби Абдурраҳмони Ҷомӣ назарияи «волоияти адолати судӣ» пешниҳод гардидааст, ки маҷмӯи қоида ва тавсияҳоро оид ба баррасии оқилонаву одилонаи баҳсҳои ҳуқуқӣ таъмини бехатарии одамон, ҳифзи шараф ва номуси онҳоро фаро мегирад [5, 21].

Мавлоно Ҷомӣ пайваста ҷонибдори сулҳ ва ваҳдат мебошад, ки тавассути нерӯи мардуми сайёра ба вуҷуд меояд. Ӯ аз сиёсати сулҳдӯстонаи давлатҳо барои ҳамкорӣ ва табодули таҷриба пуштибонӣ менамояд. Ҳама гуна низоъу хушунатро, ба истиснои ҷангҳои муҳофизатӣ барои ҳифзи Ватан ва адолат, ҷангҳое, ки барои озод намудани мардум аз ғуломиву асорат бурда мешаванд, маҳкум мекунад.

Чунин ғояҳо ва афкори муҳими сиёсӣ-ҳуқуқии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар шароити имрӯза низ дорои аҳамияти маърифатӣ ва амалӣ мебошанд. Ҳарчанд инсоният дар асри бисту якум қадам мезанад, ҳамоно масоили марбут ба некиву бадӣ ва адлу дод баррасинамудаи Абдураҳмони Ҷомӣ дар робита ба оини давлатдорӣ муҳим ва қобили мулоҳиза боқӣ мемонанд. Ҷаҳони муосир, мутаассифона, дар андаруни ҷанг ва мунокишаҳои қавмиву миллӣ дар нуқтаҳои мухталифи кураи замин қарор дорад, ки хатари афзудани он торафт ба поймолкуни ҳуқуқи инсон меорад. Ба андешаи мо, маҳз дар чунин шароит аҳамият ва муҳиммияти андешаҳои Ҷомӣ, чун гузаштагони ӯ, дар бораи сулҳ, зарурати ҳифз ва пуштибонӣ аз он, андешаеро пешниҳод мекунад, ки тибқи он бояд ғояи оштинопазирӣ бо таҷовуз ва интиқоду маҳкум намудани он арзиши воло дошта, бештар дар ҷомеа барраси ва мавриди андешаронӣқарор гирад.

Вобаста ба ин андешаҳои ҳуқуқӣ метавон қайд намуд сулҳе, ки дар заминаи хотимаи ҷанги шаҳрвандии бародаркушӣ дар Тоҷикистон ба даст омад, дар баробари омилҳои дигар бо шарофати маърифати меросии ниёгони мо (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷомӣ, Дониш ва дигарон) имконпазир гардид. Онҳо ғояҳои таъмини сулҳ, рушди ҳамкорӣ ва ҳамдилии халқҳо, ба вуҷуд овардани шароит барои низом дар саросари оламро таблиғ мекунанд. Тамоми мардуми олам дорои ниёз ба чунин мероси ғании фарҳангӣ мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши эҷодиёти гузаштагон, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ дар шароити имрӯза аз аҳамияти муҳимме бархурдор мебошад. Ин амалкард барои таблиғи ғояҳои ниёгон дар бораи ҳамзистии мардум, табодули мероси фарҳангӣ ва, аз ҳама муҳиммаш, тантанаи сулҳ дар саросари ҷаҳон мусоидат мекунад. Пас аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон алоқамандии мардуми тоҷик бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамкории байналмилалии он бо мамолики мухталифи олам тамоюлҳои нав касб намуда, омӯзиши мероси арзишҳои маънавӣ ва мероси фарҳангӣ тавсеа пайдо намуд [11, 199].

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар асари худ “Саломон ва Абсол” ду роҳу усули соҳиб шудан ба ҳокимият меросӣ ва интихобиро, мавриди таҳлил қарор дода, таъкид менамояд, ки шоҳи интихоб шаванда бояд хислатҳои хирадмандиву ғамхорӣ, адолатпарварӣ, ҳақҷӯй будан, ҳокимиятдорӣ ба манфиати мардум, ҳифзи ҳаққи мардум, ҳимояи одамон, ба мансабҳои давлатӣ ҷалб намудани шахсони поквиҷдон, хирадманд ва ғамхори мардум ва ғайраро доро бошад.

Шоҳи интиҳобшуда бо чунин хислат албатта кафили риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон хоҳад шуд. Ба афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ ақидаҳои гузаштагон, аз ҷумла ғояҳои “мадинаи фозила”-и Форобӣ,

Сино ва дигарон таъсир накарда наметавонистанд. Аз ин ҷост, ки дар асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ истилоҳи “мадина” ба ҳайси маскани одамони озод борҳо вомехӯрад. Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба мисли дигар мутафаккирони асрҳои **XI-XV** инсонро беҳтарин мавҷудоти офаридаи ҷомеа пазируфта ишора ба заковати беинтиҳои инсонӣ мекунад. Махсус таъкид мешавад, ки арзиши инсон на дар “тиллову нуқра” , балки дар “истеъдод ва ҳунари инсон” аст [5, 65]. Ба андешаи ӯ, ҷомеаи солим, пеш аз ҳама, ба сифатҳои хуби инсонӣ ниёзманд аст ва таъкид менамояд, ки хушбахтии инсон дар ҷомеа вобаста аз саломатӣ, амният, осудаҳолӣ, дӯсти вафодор ва субот мебошад.

Волоияти ҳуқуқҳои инсон чун муқаддасоти ҷомеа аз тарафи Ҷомӣ тавассути дарк ва мубориза бо падидаҳои манфӣ низ қайд шудааст. Аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар асари манзумаш “Юсуф ва Зулайхо” чунин қайд менамояд, ки ҷинояткор аслан шахсест, ки “фикри бад дорад” [6, 12]. Мутафаккир ҷонибдори муборизаи беамон муқобили ҷинояткорӣ ва татбиқи ҷазои боадолатона буда, аз ҷумла таъкид ба он мекунад, ки ҷазо чун талаби адолат бояд мутобиқи амали содиркарда, гуноҳ, вазъи рӯҳӣ ва синну соли ҷинояткор татбиқ шавад, бинобар он, ӯ дар “Баҳористон ” менависад, ки “танҳо инсони хирадманд қозӣ буда метавонад” [ 5, 66].

Ҳамин тариқ тадқиқи осори сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони тоҷику форс аҳамияти муҳими назарӣ ва амалӣ дорад. Афкори сиёсӣ - ҳуқуқии мутафаккирони асрҳои **XI-XV** дар замони муосир ба якчанд забонҳои халқҳои дунё, ба мисли англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, русӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, озарӣ, уйғурӣ, арабӣ ва ғайра тарҷума гардида, бахри таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ҳимоя ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ ба мисли экстремизм ва терроризм дар миқёси байналмилалӣ дастури амали аҳли назар мебошад.

***Пайнавишт:***

1. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21.12.2021 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 07.01.2022).*
2. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар аз 20.03.2014. ш. Душанбе [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/22643 (санаи муроҷиат: 17.01.2022).*
3. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 07.01.2022).*
4. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2008 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 07.01.2022).*
5. *Абдурраҳмон Ҷомӣ. Баҳористон. – Душанбе:Ирфон,1986. – 564 с.*
6. *Абдурраҳмон Ҷомӣ. Юсуф ва Зулайхо. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 564 с.*
7. *Ибуали ибни Сино. Осори мунтахаб.(Иборат аз 10 ҷилд) Ҷилди 1. Душанбе: Ирфон, 1980. – 477 с.*
8. *Бухориева С.М. Нақши стандартҳои байналмилалӣ дар таъмини баробарҳуқуқӣ дар Тоҷикистон//Ҳаёти ҳуқуқӣ. - 2019. - №4 (28).–С.86-91.*
9. *Буризода Э.Б. Таърихи афкори сиёсӣ ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф,2021. -346 с.*
10. *Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дис... д-ра юрид. наук. – Москва, 2015. – 535 с.*
11. *Кенҷаев Ш.Ю. Таълимоти Ҷомӣ роҷеъ ба давлат ва ҳуқуқ.-Хуҷанд:Ношир, 2015. – 215 с.*

12. *Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ тамаддунӣ: масъалаҳои назариявӣ, усули ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Автореферати диссертатсия барои дарёсти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2019. – 64 с.*
13. *Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр – граф,2011. – 459 с.*
14. *Унсурулмаоолии Кайковус. Қобуснома. - Душанбе, 1990. – 342 с.*
15. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/195 (санаи муроҷиат: 07.01.2022).*

**Reference Literature:**

1. *The Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President Emomali Rahmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic from 21.12.2021 [Electronic Resource] Regime of availability: http://www.prezident.tj/node/195 (Date of appeal: 07.01.2022)*
2. *The Speech of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon at the Meeting with Intellectuals on 20.03.2014 in Dushanbe ( Electronic resource). - Regime of availability: http://www.prezident.tj/node/ 22643(Date of appeal: 17.01.2022)*
3. *The Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President Emomali Rahmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic in 2010. (Electronic resource). - Regime of availability: http://www.prezident.tj/node/195(Date of appeal: 07.01.2022)*
4. *Ibidem. 2008*
5. *Djami, Abdurahmon. Bahoriston (The Country of Spring).- Dushanbe: Cognition, 1986.- 564pp.*
6. *Djami, Abdurahmon. Yusuf and Zulaikho. - Dushanbe: Cognition, 1986.- 564pp.*
7. *Abuali ibn Sino (Avitsenna). Selected works. In 10 Volumes. V.1.- Dushanbe: Cognition, 1980.- 477pp.*
8. *Buhorieva S.M. The Role of International Standards in Insurance of Equal Human Rights in Tajikistan // Legal Life.- 2019, №4 (28).- pp.86-91.*
9. *Burizoda E.B. The History of the Politico-Legal Thought.- Dushanbe: Er-Graph, 2021.-346pp.*
10. *Dinorshoyev A.M. Constitutional Grounds of Regulation and Realization of Human Rights and Freedoms for Man and Citizen in Tajikistan Republic. Doctoral dissertation in jurisprudence.- Moscow,2015.- 535pp.*
11. *Kenjayev Sh.Yu. Djami’s Tenet Concerning State and Law.- Khujand: Publisher, 2015.-215pp.*
12. *Rakhmon D.S. Human Rights under World Conditions of Consolidation of Divergencies in Civilizational Cultures: Theoretical Articles, Modes of Life and Functional Laws. Doctoral dissertation in jurisprudence.- Dushanbe, 2019.-64pp.*
13. *Sotivoldiyev R.Sh. Historical Ideas in Reference to Politics and Legality. Dushanbe: Er-Graph, 2011.- 459pp.*
14. *Kaikovus, Unsurmaoli. Kobusnoma.-Dushanbe, 1990.-342pp.*
15. *Tajikistan Republic Law “In Reference to Parents’ Responsibility for Tuition and Upbringing of Children” (Electronic resource).-Regime of availability: http://www.prezident.tj/node/195 (Date of appeal:07.01.2022*